“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
______________Ибодуллозода А.И.
«_12_» ___08___соли 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника**

**1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзуи Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (Lamiaceae Mart.) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ба шиносномаи КОА назди Президенти Ҷумурии Тоҷикстон аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 - Ботаника мувофиқат мекунад. Банди 1. Масъалаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи олами наботот, гуногунӣ, таснифот ва номгӯи гурӯҳҳои гуногуни растаниҳо ва оилаи растаниҳо; Банди 4. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии паҳншавии географии организми растаниҳо, вижагиҳои паҳншавии муосир ва гузаштаи намудҳои растаниҳо ва наботот, ноҳиябандӣ ва харитакунонии растаниҳо ҳамчун яке аз захираҳои таҷдидшаванда; Банди 6. Сохтор ва ҷараёни пӯшиши набототӣ ва қисмҳои таркибии он - фитосенозҳо, бо мақсади муносибсозӣ, идоракунии маҳсулнокии онҳо, ташкили оилаҳои сунъии растаниҳо бо вижагиҳои муайяни судовар (фитосенология ва геоботаника); Банди 10. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи растаниҳо, пеш аз ҳама, захираҳои набототи табиӣ бо мақсадҳои амалӣ (доругӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯроки чорво, обёрикунӣ, ороишӣ ва ғайра).

**2. Мубраммии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити кӯҳистони Тоҷикистон фаъолияти 75%-и аҳолӣ ва сатҳи зиндагии онҳо ба истифодаи сарватҳои биологӣ, алалхусус ба растаниҳо вобаста аст. Аз ин лиҳоз омӯзиш, баҳодиҳӣ ва зарурати нигоҳдошти гуногунии биологӣ хеле мубрам мебошад. Яке аз вазифаҳои муҳим дар омӯзиши олами наботот омӯхтани таксонҳои маъмултарин ва гуногунии таркиби флора мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия Абдуғафури Сафар омӯзиши оилаи лабгулҳоро (Lamiaceae Mart.), ки яке аз оилаҳои калони таркиби флораи олами набототи Тоҷикистон ба шумор меравад, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Тибқи маълумоти бадастомадаи муаллифи рисола ва сарчашмаҳо дар қаламрави Тоҷикистон ба оилаи – Lamiaceae Mart. 198 намуд, 39 авлод мансубанд, ки аз ин миқдор 38 авлод, 118 намуд дар таркиби ноҳияи флораи Ҳисору Дарвоз ва 73 намуд, 32 авлод дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мавҷуд мебошанд.

Намояндаҳои ин оила дар ташаккули олами растаниҳои Тоҷикистон саҳми назаррас доранд, инчунин дар таркиби он растаниҳои равғани эфирӣ (30 намуд), доруворӣ (21 намуд), асаловар (14 намуд), ороишӣ (5-намуд) ва 25 – намуд хӯроки чорво низ мавҷуданд. Дар иртибот ба ин бояд гуфт, ки намудҳои авлодҳои *Mentha, Salvia, Nepeta, Ziziphora, Melissa, Origanum, Lamium, Hyssopus* ва ғайраҳо дар Тоҷикистон ва манотиқи омӯзиш васеъ паҳн шуда, дар тибби анъанавӣ истифода мешаванд.

То ҳол таҳқиқоти махсуси бисёрҷонибаи оилаи Лабгулҳои таркиби флораи Тоҷикистон гузаронида нашудааст. Баъзе маводҳо оид ба лабгулҳо дар сарчашмаҳои гуногун оварда шудаанд. Аз ҳамин лиҳоз, омӯзиши ҳолати ин гурӯҳи систематикӣ мубрам мебошад. Оид ба таркиби растаниҳои фоиданоки оилаи мазкур айни ҳол маълумот хеле кам ба назар мерасанд. То ҳол оид ба гуногунии намудӣ ва таҳлили фитосенологии намудҳои мансуби оилаи мазкур дар Тоҷикистон маълумоти мушаххас мавҷуд нест. Имкониятҳои истифодаи амалии намояндаҳои оила ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд, инчунин оид ба хосиятҳои шифобахшии намудҳои ҷудогона маълумоте нест. Аз ҳамин лиҳоз, омӯзиши мавзуи мазкур мубрам мебошад.

Омӯзиши оилаи лабгулҳо (Lamiaceae Mart.) ва гузаронидани корҳои муқоисавӣ доир ба муайянкунии гуногунии таркиби намудии флораи оилаи мазкури қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бахшида шуда, самти асосии таҳқиқот систематика ба шумор меравад. Бинобар ин, наботот ва умуман системаҳои экологӣ дар минтақаҳои гуногуни қаторкӯҳ аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд.

Аз ҷиҳати геоморфологӣ қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор сохтори хеле гуногун дорад. Дар он миқдори зиёди дараҳои чуқур, кӯҳҳои баланд ва ҳамвориҳои кӯҳӣ дида мешаванд. Мавҷудияти кӯҳҳои баланд ва дараҳои чуқур сабаби ба вуҷуд омадани муҳитҳои экологии гуногун гаштааст. Бинобар ин наботот ва умуман системаҳои экологӣ дар минтақаҳои гуногуни қаторкӯҳ аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд.

Абдуғафури Сафар ҳамчун муаллиф дар кори илмии худ муайян кардани номгӯй, инкишоф ва тавсифи оилаи лабгулҳо (Lamiaceae Mart.)

маълумоти гуногунро дастрас намуда, барои ҳимоя пешниҳод кардааст. Аз ҷиҳати гуногунии наботот қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ба ноҳияи флористии Тоҷикистони Марказӣ мансуб мебошад. Ба ин ноҳия системаи кӯҳҳои Ҳисору Дарвоз дохил мешаванд, ки асоси онро ҷангалҳои мезофилӣ, сиёҳҷангал, сафедҷангал ва марғзорҳои баландкӯҳ ташкил медиҳанд.

**3. Дараҷаи асосноккуии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Абдуғафури Сафар намудҳои зерини оиларо: *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Salvia sclarea* L., *Nepeta cataria* L. ҳамчун инсектисидҳои табиӣ барои нест кардани ҳашароти зараррасони растаниҳои мевадиҳандаи худрӯй ва маданӣ пешниҳод менамояд.

Хулосаи кори диссертатсионии Абдуғафури Сафар аз 5 банд иборат буда, дар ҳар як банди он натиҷаи вазифаҳои дар назди муаллиф гузошташуда оварда шудааст

**4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Бори аввал гуногунии намудии таркиби оилаи лабгулҳои флораи қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор таҳлил ва муайян карда шуд. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, ки дар минтақаи омӯзиш 32 авлод ва 73 намуди оилаи лабгулҳо мавҷуд аст. Аз ин миқдор 10 намуди растаниҳои оила эндемикӣ мебошанд ва 1 намудаш ба Китоби Сурхи Тоҷикистон ворид шудааст.

Бори аввал минтақаҳои паҳншавии лабгулҳо дар таркиби типҳои набототи ҳудуди қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор муайян карда шуданд. Харитаҳо бо ҷойгиршавии намудҳои оила дар таркиби флораи Тоҷикистон тартиб дода шуданд.

Дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор бори аввал фитосенология ва сохтори сенопопулятсияҳои баъзе намояндаҳои оила: *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum tyttanthum* Juz, *Nepeta catarica* Juz., *Salvia sclarea* L. омӯхта шуданд.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Маълумотҳои бадастомада оид ба ҳосилнокии захираҳои сенопопулятсияҳои намудҳои *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Nepeta catarica* L., *Origanum tyttanthum* Gontsch, *Salvia sclarea* L. дар мавзеъҳои паҳншавии табиии онҳо нишон медиҳанд, ки ҳосилнокии табиии онҳо талаботи саноати фармокологии Тоҷикистонро танҳо 35% таъмин менамояд. Натиҷаҳои рисола оид ба тавсифи гуногунии биологии лабгулҳо барои дар мактабҳои олӣ дар тайёр кардани курсҳои лексионӣ ва гузаронидани дарсҳои амалӣ аз фанҳои систематикаи растаниҳо,

захирашиносӣ, инчунин семинарҳои калон аз ихтисоси ботаника ва дендрология тавсия карда мешаванд.

Натиҷаҳои назариявии таҳқиқоти мазкурро ҳангоми омӯзиши оилаи лабгулҳои таркиби флораи Тоҷикистон метавон истифода бурд. Таҳлили хусусиятҳои фитосенологии *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Origanum tyttanthum* Gontsch, *Nepeta catarica* L., *Salvia sclarea* L. ба мо имкон медиҳанд, ки дар оянда онҳоро ҳамчун намудҳои нафъовар барои истифода дар соҳаи тиб тавсия диҳем.

Маълумотҳои бадастомада оид ба ҳосилнокии захираҳо сенопопулятсияҳои намудҳои *Ziziphora pamiroalaica* Juz., *Nepeta catarica* L., *Origanum tyttanthum* Gontsch, *Salvia sclarea* L. дар мавзеъҳои паҳншавии табиии онҳо нишон медиҳанд, ки ҳосилнокии табиии онҳо талаботи саноати фармокологии Тоҷикистонро танҳо 35% таъмин менамояд. Натиҷаҳои рисола оид ба тавсифи гуногунии биологии лабгулҳо барои дар мактабҳои олӣ дар тайёр кардани курсҳои лексионӣ ва гузаронидани дарсҳои амалӣ аз фанҳои систематикаи растаниҳо, захирашиносӣ, инчунин семинарҳои калон аз ихтисоси ботаника ва дендрология тавсия карда мешаванд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи асоснокии натиҷаҳои кори диссертатсионии Абдуғафури Сафар ба истифодаи усулҳои замонавӣ ва маъмули геоботаникии мактабҳои ботаникии Русия ва Тоҷикистон асос ёфтааст. Коркард ва таҳлили натиҷаҳо бо истифода аз усулҳои олимон И.Г. Серебряков (1952), Б.А. Доспехов (1985), С. Рахимов (2007), Н.М. Сафаров (2017), Д. Сатторов (2020) анҷом дода шудааст.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Диссертатсия таҳқиқоти мустақили муаллиф ба ҳисоб меравад. Саҳми шахсии довталаб дар коркарди нақша ва барномаҳои таҳқиқот, ба даст овардани мавод дар корҳои саҳроӣ, коркарди гербарияҳои ҷамъоваришуда, таҳлили натиҷаҳои ба даст омада, гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи оилаи лабгулҳо ва омодасозии маводи интишорӣ зоҳир мегардад.

**8. Нашри натиҷаҳлои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ 6 кори илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия бо натиҷаҳои илмию

тадқиқотӣ ҷамъбаст карда шудааст, унвонҷӯ мустақилона дар сатҳи даркории илмӣ корҳои худро ба сомон расонидааст. Дар диссертатсия натиҷаҳои илмӣ оварда шудаанд, ки онҳо ҳамчун коркарди илмӣ асоснок карда шуда, дар таҷриба татбиқ ва тасниф карда шуда, барои ҳалли вазифаҳои муҳими ботаникӣ ва бо амал баровардани он аҳаммияти назаррас дорад. Диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқоти пурра иҷрошуда буда, хело муҳим ба ҳисоб меравад.

Диссертатсия дар ҳаҷми 180 саҳифа таҳия шуда, аз муқаддима, 5 боб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда, 47 расм, 6 ҷадвал, 2 диаграмма, 4 харита ва замимаҳо иборат мебошад. Муаллиф дар диссертатсияи хеш 146 сарчашма истифода намудааст, ки аз онҳо 10 - тояшон ба забони хориҷӣ мебошанд.

**Дар мууқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии муайян карда шуданд.

**Дар боби якум** диссертант дар бораи шароити табиӣ ва географии минтақаи таҳқиқот маълумот додааст. Дар ин қисмати кор дар натиҷаи истифода намудани таҳлили адабиёти илмӣ, оид ба сохтори геологӣ, орография, геоморфология, иқлим, гидрография, хокҳо, наботот ва гуногунии флораи минтақаи омӯзиш мавод пешниҳод намудааст.

**Дар боби дуюми** диссертатсия муаллиф оид ба гуногунии оилаи лабгулҳо ва таърихи омӯзиши онҳо маводҳо гирд оварда, дар натиҷаи таҳлили адабиётҳои илмӣ (Флораи СССР (Иттиҳоди Шуравӣ), Флораи Ӯзбекистон, Флораи Қирғизистон, Флораи Тоҷикистон), инчунин дар натифаи таҳлили рисолаҳои дифоъшудаи олимони ватанӣ ва хориҷии кишвар онро омода намудааст.

Дар зербоби 2.1-и диссертатсия маълумот оид ба гуногуннамудии оилаи лабгулҳо – Lamiaceae Mart. дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор оварда шудааст. Тибқи ин сарчашмаҳо дар минтақаи таҳқиқот 73 намуди оилаи лабгулҳо вуҷуд дошта, онҳо ба 32 авлод мансуб мебошанд. Ҳангоми тавсифи намудҳо барои ҳар яки онҳо номҳои лотинӣ ва тоҷикӣ аз рӯйи номенклатураи бинарӣ пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон дар ин қисмати кори диссертатсионӣ оид ба хусусиятҳои биологӣ, ташхиси ареологӣ, шакли ҳаётӣ ва систематикии намудҳои оилаи лабгулхо – Lamiaceae Mart. аз ҷониби диссертант маводҳо пешниҳод шудаанд.

**Дар боби сеюми** диссертатсия, ки он аз се зербоб иборат аст, диссертант дар бораи таҳлили систематикӣ, экологӣ ва шакли ҳаётӣ,

инчунин дар бораи аҳаммияти биологии ҳар як намуди оилаи лабгулҳои минтақаҳои таҳқиқотӣ маълумот пешниҳод кардааст. Зербоби 3.2-и диссертатсияро ба хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои доминантии намояндаҳои оила дар таркиби типҳои набототи минтақаи омӯзиш равона намудааст. Дар зербоби 3.3. бошад, намудҳое, ки форматсия ба амал меоранд, баррасӣ шудаанд.

**Дар боби чоруми** диссертатсия Абдуғафури Сафар оид ба дурнамои истифодаи захираҳои намояндаҳои оилаи лабгулҳо ва роҳҳои ҳифзи онҳо маълумот додааст. Ҳамзамон, дар ин қисмати кори диссертатсионӣ оид ба истифодаи намояндаҳои оилаи мазкур ба сифати растаниҳои ороишӣ, ғизоӣ, доруворӣ, равғани эфирдиҳанда ва дурнамои истифодабарии баъзеи онҳо маълумоти мушаххас додааст.

**Дар боби панҷуми** диссертатсия муаллиф маълумотро оид ба баррасии натиҷаҳои таҳқиқот гирд овардааст, ки дар он дар бораи ҳар як боби диссертатсия кутоҳ маълумот дода шудааст.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (**Lamiaceae Mart.**) қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

**11. Мутбиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталабАбдуғафури сафар ба ихтисосии илмии дархосшаванда-03,02,01,-Ботаника мовофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки Муаллиф дар рафти таҳқиқотҳояш вазифаҳои дар назди худ гузоштаро иҷро намудааст. Яъне таркиби намудӣ ва тартиб додани рӯйхати намудҳои оилаи лабгулҳоро аз худ намуда, сатҳи бойигарии флораи онҳоро дар қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор мавриди омӯзиш қарор додааст. Илова бар ин, аз ҷониби муаллиф гузаронидани таҳлили географӣ ва ареологии оилаи лабгулҳои қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандонаи диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатиҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат

гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб чунинанд:

1. Номгӯи ихтисораҳо, аломатҳои шартӣ саҳ. 4. ба тартиби муайян оварда нашудааст.
2. Дар охири бобҳои диссертатсия хулосаи мушаххаси муаллиф доир ба ин ё он масъала равшан баён наёфтааст, ки аз ин метавонист моҳият, сохтори кори диссертатсионӣ ва арзиши илмии он боз ҳам бештар тақвият ёбад.
3. Тартиби рақамгузорӣ дар расм ва диаграмаҳо бо таври муайян оварда нашудааст, ҳоло онки, бояд тартиби рақамҳо дар расм ва диаграмаҳо дар асоси боб ва зербоб оварда мешуд.
4. Муаллиф аз дастовардҳои илмии олимони тоҷик бевосита оид ба омӯзиши растаниҳои оилаи лабгулони Тоҷикистон ба таври кофӣ истифода набурдааст.
5. Дар диссертатсия бештар адабиёте истифода шудааст, ки нашри онҳо аз соли 2000 пештар (қариб 87%) мебошанд. Яъне муҳаққиқ бештар ба маълумотҳои наву тозаи илмӣ такя намояд.
6. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои хусусияти техникидошта мушоҳида карда мешаванд.

Автореферати дисссертатсия тибқи тартиби мукарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамоядва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Хулоса, диссертатсияи Абдуғафури Сафар дар мавзуи «Хусусиятҳои фитосенологии баъзе намудҳои лабгулҳои (**Lamiaceae Mart.)** қисмати ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01.-Ботаника дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талоаботи Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01.-Ботаника сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷқикистон аз 30.06. 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои биологӣ, дотсент, мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ Бобозода Илҳомҷон Абдушукур омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 8 аз 11 августи соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор-10 нафар, зид-нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои биологӣ,
дотсенти кафедраи ботаникаи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Ғайратзода Меҳровар Ховар

**Экспернт:**
Номзади илмҳои биологӣ,
дотсенти кафедраи ботаникаи
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Бобозода Илҳомҷон Абдушукур

**Котиби илмии ҷаласа**: Ҷумъабой Зарифӣ

Имзоҳои М.Х. Ғайратзода, И.А. Бобозода
ва Ҷумъабой Зарифиро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва коҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
733740, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдаки, 121.
тел: +992 (37) 224-13-83, 224-89-93.
www.tgpu.tj, e-mail: info@tgpu